«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ,
д.и.т., дотсент __________ Муродзода А. А.
аз «26» __________ соли 2025

**ХУЛОСАИ**

**шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Исмоилбеги Адҳамқул дар мавзуи «Саҳми Абдуқодир Муҳиддинов дар таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистӣ ва Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ).**

Таҳқиқоти диссертатсионии докторант (PhD) Саидзода Исмоилбеги Адҳамқул «Саҳми Абдуқодир Муҳиддинов дар таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистӣ ва Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон» дар шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардидааст.

Докторанти доктори фалсафа (PhD) Саидзода Исмоилбеги Адҳамқул, соли таваллудаш 29.09.1990, соли 2012 факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода ва соли 2019 магистратураи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистонро хатм кардааст. Номбурда соли 2019 ба зинаи доктори фалсафа (PhD)-и Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба шуъбаи таърихи навтарин дохил шуда, соли 2022 онро хатм намуд.

Таҳқиқоти диссертатсионии докторант (PhD) Саидзода И.А. «Саҳми Абдуқодир Муҳиддинов дар таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистӣ ва Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон» дар шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муҳокима ва барои дифоъ пешниҳод карда шуд, (протоколи №12, 23 декабри соли 2025).

Дар муҳокима ширкат намуданд: Абдурашитов Ф. - мудири шуъба, доктори илмҳои таърих, Абулҳаев Р.А. - доктори илмҳои таърих, профессор, Ҳотамов Н.Б. - доктори илмҳои таърих, профессор, сарходими илмӣ; Убайдулло Н.К. - доктори илмҳои таърих, профессор, Ғафуров А.М., номзади илмҳои таърих дотсент, ходими пешбари илмӣ; Неъматов И. номзади илмҳои таърих, ходими калони илмӣ, Акрамов М. номзади илмҳои таърих, ходими калони илмӣ; Қозизода Ш., ходими хурди илмӣ; Исматзода Ш., ходими хурди илмӣ, унвонҷӯ Саидзода И.А. Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи Саидзода Исмоилбеги Адҳамқул хулосаҳои зерин пешниҳод шуданд:

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Миллати тоҷик таърихан мардуми куҳанбунёд буда, дар эҳёи фарҳангу тамаддун ва ташкили низомҳои гуногуни иҷтимоӣ ва сиёсӣ мақоми назаррасеро дорост. Ин падида дар навиштаҳои як қатор олимони Шарқу Ғарб ба таври илмӣ борҳо гуфта шудааст. Бо вуҷуди ин, роҳе, ки тоҷикон паси сар намуданд бисёр пурпечутоб ва аз нишебу фарозҳое ҳам иборат буд. Дар ҳама давраҳои мушкилу ҳассос фарзандони бедори халқи тоҷик, бо хиради азалӣ ва тафаккури созандаи хеш худрову ҳуввияти худро то ба рӯзгори мо ҳифз намуданд. Дар ҳар давраи таърихӣ ва бахусус давраҳои мушкил, кирдугори пок ба ин миллат фарзандони барӯманду фидоиеро эҳдо кардааст, ки ҷон ба каф гирифта, барои озодию истиқлоли сиёсӣ ва маънавии халқи худ талош варзидаанд.

Яке аз даврахои хеле ҳассосу ҷонгудоз барои халқи тоҷик ин ҳодисаҳои ба вуҷуд омадаи солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX мебошад. Дар ин давра як зумра фарзандони фарзонаи тоҷик ба монанди Садриддин Айнӣ, Абдуқодир Муҳиддинов, Шириншоҳ Шоҳтемур, Чинор Имомов, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Аҳмадбек Мавлонбеков ва чанде дигарон, бо кору пайкори ҳадафмандонаи хеш баҳри рушди миллату давлатдории он хидмат намуда, дар саҳифаҳои таърихи халқи тоҷик чун симоҳои намоён сабт гардиданд. Дар миёни нафарони зикршуда, хизматҳои шоёни яке аз шахсиятҳои барӯманди халқи тоҷик, арбоби сиёсию ҷамъиятӣ, Абдуқодир Муҳиддинов мақоми шоистаеро соҳиб аст.

Дигаргуниҳое, ки дар самти давлатдории тоҷикон дар солҳои 20-уми асри XX ва дар рушду инкишофи хоҷагии халқ, фарҳангу маориф ба вуҷуд омада буд, ба кору фаъолияти шахсиятҳои зикршуда, бахусус Абдуқодир Муҳиддинов сахт вобастагӣ дорад. Агарчанде, дар ин давра ба хотири ба роҳ мондани ин навгониҳо мушкилоту норасоиҳои зиёде ба вуҷуд омаданд, аммо эшон барои рафъи онҳо ва барқарор сохтани адолати таърихӣ мардонавор мубориза бурданд. Бо ташаббуси онҳо ва дастгирии давлати Шуравӣ тоҷикон дар он солҳои мушкилафзо соҳиби давлате шуданд, ки номаш ифодагари номи этникии ин халқ буд. Мо тоҷикон дар таърих давлатҳои зиёде доштем, ки онҳо бо исми худ на номи тоҷикро, балки танҳо номи як хонадонро муаррифӣ мекарданду халос. Аввалин маротиба бо вуҷуди беадолатиҳо соҳиби давлате шудем, ки номи тоҷиконро эҳё намуд. Номи миллат қариб буд, ки дар миёни мардум аз миён мерафт. Пас аз ташкили Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон муҳаққиқон таҳқиқоти худро атрофи номи тоҷик (бо вуҷуди он, ки баъзе таҳқиқоти ҷудогона аз ҷониби олимони руси тоинқилобӣ сурат гирифта буд) ба таври васеъ оғоз намуданд.

Дар он солҳо мубориза бурдан барои бунёди давлати алоҳида дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ кори саҳлу содда набуд. Аммо фарзандони

баори халқи тоҷик бо шумули Абдуқодир Муҳиддинов дар ин роҳ ҷони хешро дареғ надоштанд.

Дар умум диссертатсия фарогири равандҳои иқтисодӣ–иҷтимоӣ ва сиёсиву ҷамъиятӣ буда, инчунин сабабҳои ба раванди таъқиботи сталинӣ гирифтор шудани Абдуқодир Муҳиддиновро муфассал баррасӣ менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Таҳқиқ ва омӯзиши фаъолияти ҳизбиву сиёсии шахсиятҳое, чун Абдуқодир Муҳиддинов дар барқарор намудани адолати иҷтимоӣ ва таърихӣ, ташкили ҷомеаи нави тоҷикон аҳаммияти калони таърихӣ дорад.

Таҳқиқотҳои илмӣ муайян намуданд, ки шахсиятҳои сиёсӣ ва ҷамъиятии тоҷик дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX, аз ҷумла, Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Аббос Алиев, то андозае аз тарафи таърихнигорони алоҳида мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд. Аммо фаъолияти сиёсӣ ва ҷамъиятии Абдуқодир Муҳиддинов то ҳанӯз ба таври илмӣ ва мукаммал омӯхта нашудааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсад аз омӯзиш ва таҳқиқи мавзӯи мазкур ба таври рӯшан муайян намудани мартабаи Абдуқодир Муҳиддинов дар раванди таърихии нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX, навсозии солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX пас аз барқарор шудани Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон мебошад. Он метавонад аҳамияти калони илмию таълимӣ дошта бошад. Аз ин рӯ, дар назди таҳқиқотчӣ вазифаҳои муҳим гузошта шуданд.

**Вазифаи таҳқиқот.** Дар доираи мақсади таҳқиқи мавзуъ иҷрои вазифаҳои зерин зарур дониста шуданд:

- таснифи вазъи сиёсию иқтисодии фаъолияти Абдуқодир Муҳиддинов;

- омӯзиши заминаҳои ибтидоии шаклгирии тафаккури сиёсии Абдуқодир Муҳиддинов ва оғози мубориза҆ҳои ӯ дар самти дигаргунсозиҳои сиёсию иқтисодӣ дар ҶХБ ва ҶМШС Тоҷикистон инчунин ҶШС тоҷикистон;

- таҳқиқи раванди бавуҷудоии ҳодисаҳои сиёсии солҳои 20-ум ва ҷойгоҳи Абдуқодир Муҳиддинов дар ин марҳила;

- аз нигоҳи нав баррасӣ намудани мақоми қувваҳои зидди Шуравӣ: «босмачӣ»-и ҳақиқӣ кӣ буд? Абдуқодир Муҳиддинов ҳамчун як нафар ходими намоёни давлатӣ ба ин масъала;

- баррасии мубориза ҳои Абдуқодир Муҳиддинов ба муқобили босмачигарӣ;

- навгониҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва таҳқиқу баррасии ҷойгоҳи Абдуқодир Муҳиддинов ҳамчун роҳбари давлат дар рушд ва ҳифзи дастовардҳои соҳа;

- баррасии ҳодисаҳои нобасомони солҳои сиюм ва ба ин гирдоб кашида шудани Абдуқодир Муҳиддинов дар қатори ҳазорҳо чеҳраҳои дигар.

**Навгониҳои илмӣ.** Навгонии илмии кор пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки масъалаи матраҳшаванда дар асоси маводи муътамади таърихӣ тафсиру таҳқиқ шудааст. Зиндагиномаи Абдуқодир Муҳиддинов бо такя ба ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, навиштаҳои устод С. Айнӣ ва осори худи Абдуқодир Муҳиддинов бори аввал ба таври мукаммал шарҳ ёфтааст. Агарчанде масъалаи тақсимоти миллию ҳудудии соли 1924 ва таъсиси ҶМШС Тоҷикистон, таъсиси ҶШС Тоҷикистон дар соли 1929, бавуҷудоии ҳаракати зиддишуравӣ, навгониҳои иҷтимоию иқтисодии солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX, раванди таъқиботи сиёсии солҳои сиюм мавзӯҳои омӯхташудаанд, аммо нақши Абдуқодир Муҳиддинов дар ин асарҳо кам нишон дода шудааст. Гузашта аз ин, яке аз паҳлӯҳои навгонии кор дар он ифода меёбад, ки дар ҳама равандҳои зикршуда бештар ба манфиати мардуми оддӣ ва бебизоату камбизоат мубориза бурдани Абдуқодир Муҳиддинов нишон дода шудааст. Инчунин, масъалаҳои зерин ба ҳайси навгонии илмӣ дар диссертатсия муайян карда шудаанд:

- омӯзиши вазъи сиёсию иқтисодии Аморати Бухоро ҳамчун зодгоҳи Абдуқодир Муҳиддинов то Инқилоби Октябри соли 1917;

- оғози марҳалаи шаклгирии афкори сиёсии Абдуқодир Муҳиддинов дар Бухоро ва Тошканд;

- таҳқиқи масъалаи шомил гардидани Абуқодир Муҳиддинов ба ҲК (б) ва ба гуруҳи ҷавонбухориён ва саҳми ӯ дар дигаргуниҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;

- муайян намудани ҷой ва нақши Абуқодир Муҳиддинов дар ҳаёти сиёсии нимаи аввали солҳои 20-ум ва ташкили ҶХШБ;

- баррасии раванди бунёди Тоҷикистон ҳамчун Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистӣ ва нақши Абуқодир Муҳиддинов дар ин давра;

- омӯзиши масъалаи ташкили аввалин идораҳои давлатию ҳизбии Тоҷикистон ва нақши Абуқодир Муҳиддинов дар ин ҷода;

- аз ҷиҳати илмӣ муайян намудани ҷойгоҳи Абуқодир Муҳиддинов дар раванди таъсиси ҶШС Тоҷикистон;

- бори аввал асари А. Муҳиддинов “Ба деҳқонони Тоҷикистон Инқилоби Уктобр чӣ дод?” аз бойгонии Китобхонаи миллии Узбекистон дасёб ва ба риштаи таҳқиқ кашида шуд;

- таҳқиқи масъалаи таъқиботи фоҷиабори солҳои 30-юми асри XX ва сабабҳои ба репрессия гирифтор шудани Абуқодир Муҳиддинов.

**Аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Хулоса ва натиҷаҳои ҷамъбастшудаи кори рисолаи мазкурро метавон дар аввал ҳамчун манбаи илмӣ ва таҳқиқӣ дар таҳқиқи дигар мавзӯҳои таърихии ба давраи фарогирандаи мавзӯъ алоқаманд истифода намуд. Ба ғайр аз ин, дар такмили адабиёти таълимии таърихи халқи тоҷик, таҳияи барномаҳо, курси лексияҳо аз фанни мазкур ҳамчун маводи асосӣ ва ё иловагӣ мавриди истифода қарор додан аз аҳамият холӣ нест. Дар баробари ин дар рисола аз нуқтаи назари илмӣ муайян намудани ҷойгоҳи шахсияте ба мисли Абдуқодир Муҳиддинов дар ифшо намудани хизматҳои дигар ҳаммаслакони ӯ, ки дар он солҳои ҳассос барои ватану миллат ҷонсупориҳо намудаанд, дорои аҳамияти калон мебошад.

**Саҳми шахсии** довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он аст, ки ӯ бевосита аз сарчашмаҳои муътамади илмӣ, илмию оммавӣ, шифоҳӣ ва адабӣ истифода карда, баъди таҳлилу муқоисаҳои зиёди илмӣ таҳқиқотро анҷом додааст. Барои комил намудани мавзуи таҳқиқшаванда, инчунин ба шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон рафта, бо пайвандони ӯ мулоқоту суҳбатҳо ороста, бисёр тарафҳои норӯшани фаъолияти қаҳрамонро рӯшан намудааст.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия бо самтҳои афзалиятноки рушди илм.** Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, махсусан таърихи иҷтимой-иқтисодии Тоҷикистони соҳибистиқлол алоқамандӣ дошта, маводҳои он зимни таълифи асарҳои маҷмӯӣ роҷеъ ба ташаккули саноат, хусусан рушди саноати Тоҷикистон дар замони Шуравӣ ва солҳои соҳибистиқлолӣ ҳангоми хондани курсҳои лексионӣ ва махсусан аз фанҳои «Таърихи халқи тоҷик», «Таърихи муосири Тоҷикистон», «Таърихнигории таърихи халқи тоҷик дар давраи шуравӣ ва истиқлолият» метавон истифода намуд.

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Таҳқиқоти илмӣ, навгонӣ ва натиҷаҳои он ба бандҳои шиносномаи ихтисосҳои КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих, аз ҷумла ба ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мутобиқат мекунад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур дар шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардида, бобҳои он дар ҷаласаҳои шуъба мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 7 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Ҳамчунин, нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (2019-2022), конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявии ҳайати

профессорону ходимони илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (2019-2022) ҳамзакмон дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявии ҳайати профессорону ходимони илмии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (2024-2025) маърӯза шуда, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муҳокима карда шуда, барои дифоъ пешниҳод гардид.

**Мавҷудияти санади татбиқи натиҷаҳои илмӣ.** Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 7 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Ҳамчунин, нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (2019-2022), конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявии ҳайати профессорону ходимони илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (2019-2022) инчунин дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявии ҳайати профессорону ходимони илмии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (2024-2025) маърӯза шуда, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ.

1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд:

[1-М]. Саидзода, И.А. Абдуқодир Муҳиддинов-ходими барҷастаи давлатӣ ва сиёсии солҳои 20-уми асри XX [Матн] /И. Саидзода //Муаррих. – 2023. – №4(36). – С.70-77

[2-М].Саидзода, И.А. историографический обзор иследований о жизнедеятелности А. Мухиддинова [Текст] /И. Саидзода //Историк. –2024.– №2(38). – С.19-24.

[3-М]. Саидзода, И. А. Абдуқодир Муҳиддинов ва рисолаи ӯ “Ба деҳқонони Тоҷикистон инқилоби Октябр чӣ дод?” [Матн] /И. Саидзода //Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ. – 2024. – №3. – С.247-251.

[4-М]. Саидзода, И. А., Ғафуров А.М. Инъикоси воқеаҳои таърихӣ дар таҳқиқоти Абдуқодир Муҳиддинов [Матн] /И. А. Саидзода., А.М. Ғафуров // Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ. – 2025. – №4. – С.331-336.

**Мақолаҳое, ки дар конференсияҳо ва симпозиумҳо чоп гардидаанд:**

[5-М]. Саидзода, И. А. Фаъолияти А. Муҳиддинов дар солҳои мавҷудияти ҶХШБ (1920-1924) [Матн] /И.А. Саидзода //Маҷмуаи мақолаҳои Конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони “Таъсиси ҶХШБ ва нақши он дар тақдири халқи тоҷик” ба ифтихори 100 солагии таъсиси Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро -13- уми ноябри соли 2020. – Душанбе: Дониш,2020. – С.117-125

[6-М]. Саидзода, И. А. Иникоси фаъолияти идоракунии давлатӣ ва ҳизбии А. Муҳиддинов дар осори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон [Матн] /И. Саидзода //маҷмуи мақолаҳои Конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони “Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таҷдид ва рушди фарҳангӣ миллӣ” -28- уми октябри соли 2025. – Душанбе: Нашриёти АИДНПҶТ,2025. – С.145-152

[7-М]. Саидзода И.А. Андешаҳои Абдуқодир Муҳиддинов оид ба масалаҳои муҳимми таърихи ибтидои Ҳукумати Шуравӣ дар Осиёи Миёна

[Матн] /И. Саидзода //Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши олимони ватанӣ дар таҳқиқ ва рушди илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ» -Душанбе, 27 ноябри соли 2025. – Душанбе, 2025. – С.87-97.

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Саидзода Исмоилбеги Адҳамқул « Саҳми Абдуқодир Муҳиддинов дар таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шуравии сотсиалистӣ ва Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон» ҷавобгӯйи талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) тавсия карда мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи Шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ қабул шудааст. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 9 нафар, аз ҷумла - 4 нафар доктори илм, 3 нафар номзади илм ва 2 нафар ходимони илмӣ аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда.

Натиҷаи овоздиҳӣ:
«ҷонибдор» -9 нафар «муқобил» - нест «бетараф» - нест
Қарор якдилона қабул карда шуд.
Протоколи № 12, 23 декабри соли 2025

Мудири Шуъбаи таърихи навтарини
Институти таърих, бостоншиносӣ ва
мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ
доктори илми таърих Абдурашитов.Ф
Котиб Қозизода Ш.

*Имзои Абдурашитов.Ф, Қозизода Ш.-ро тасдиқ мекунам:*

Нозири калони шуъбаи кадрҳои
Институти таърих, бостоншиносӣ
ва мардумшиносии ба номи А.
Дониши АМИТ Файзуллоева Г. Қ.

«26» 12 2025